*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*дар назди Донишгоҳи давлатии молия ва*
*иқтисоди Тоҷикистон*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи илмии Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзӯи "Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07-молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Гузариш ба низоми дузинагии бонкдорӣ шароит фароҳам овард, ки бозори хизматрасонҳои бонкӣ шакл гирад ва давра ба давра ҳамчун субъекти муҳими иқтисодӣ рушд ёбад. Илова ба ин, бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар пешрафти муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ нақши калидиро иҷро намуда, дастрасии аҳолиро бо маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ таъмин менамояд. Метавон қайд намуд, ки таи солҳои охир дар низоми молиявӣ – бонкии ҷаҳон тағйиротҳои зиёде мушоҳида мешаванд, ки раванди инкишофи босуботи бозори хизматрасониҳои бонкиро халалдор менамоянд. Бӯҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ, ки пайваста ба амал меоянд, ба низоми бонкӣ низ таъсири манфии худро мерасонанд. Ин омил тақозо менамояд, ки ташкилотҳои қарзӣ дар бозор фаъолияти худро мутобиқ ба шароити навини иқтисодӣ роҳандозӣ намоянд ва доираи маҳсулотҳои пешниҳодшавандаро тақвият бахшанд. Аз автореферати рисолаи илмӣ маълум аст, ки диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда, феҳристи интишороти илмии муаллиф ва замимаҳо иборат аст. Автореферат тибқи талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст. Объект ва субъекти рисола дуруст интихоб гардида, вобаста ба самти мавзӯи таҳқиқотшаванда тартиб дода шудаанд. Чи тавре, ки аз автореферати мазкур дида мешавад, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, то паҳлӯҳои назариявӣ-амалии мавзӯи интихобгардидаро ба таври васеъ ва саҳеҳ ба риштаи таҳқиқ кашад ва метавонем зикр намуд, ки дар ин самт муаллиф муваффақ низ гаштааст.

Аз автореферат ба назар мерасад, ки Нуралиева Дилафруз Камоловна ҳангоми пажӯҳиш рушду инкишофи бозори хизматрасониҳои бонкиро ба таври васеъ дида баромадааст. Инчунин, омилҳои ба ин раванд таъсиррасон ва бартарафкунии онҳо ба таври возеҳ баррасӣ гардидаанд, ки баҳои илмии рисоларо боз ҳам боло мебаранд. Унвонҷӯ муаммоҳои ҷойдошта дар самти тақвияти бозори хизматрасониҳои бонкиро муайян намуда, роҳҳои

бартарафсозии онҳоро тавсия намудааст, ки ин метавонад дар рушди соҳаи мазкур нақши муҳим дошта бошад.

Дар баробари аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва нуктаҳои муҳим, автореферат аз норасоиҳо низ орӣ нест, ки ба ақидаи мо инҳоянд:

1. Барои хубтар гардидани сифати автореферат зарур аст, ки мубрамияти мавзӯъ таҷдид назар гардад;

2. Расми 6, ки тартиби баҳодиҳии маҳсулотҳои нави бонкиро инъикос мекунад, ба таври зарурӣ таҳлил карда нашудааст.

Метавон зикр намуд, ки эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти муаллифро коҳиш намедиҳанд ва ҷиҳати баланд бардоштани сифати автореферат баён гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, метавон қайд намуд, ки автореферати Рисолаи илмии Нуралиева Д.К. дар мавзӯи "**Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии РУШДИ бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07- Молия, муосилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Низомномаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси болозикр мебошад.


**Тақриздиҳанда:**

д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Абдуқодиров Хайрулло Абдусаломович**

*Суроға:* Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш. Хуҷанд, *Индекс:* 735700, 17 микр. хона 1,
*Тел.:* (83422) 2-38-11,
*Факс:* 2-51-70, www.tsulbp.tj,
*E-mail:* tsulbp@rambler.ru
*Тел. шахсӣ:* (+992) 92 848-49-35,
*E-mail:* Khon1974@mail.ru


Имзои д.и.и., профессор Абдуқодиров Х.А.-ро, тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва КМ
ДДҲБСТ **Бобоев А.Х.**